**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023).**

Муҳофизати экологии табиат яке аз вазифаҳои муҳим мебошад, барои он ки дар ҷаҳони имрӯза масъалаи ҳифз ва истифодаи дурусти объектҳои табиӣ бисёр масъалаи мушкил ва ҳалталаб мебошанд.

Мутобиқи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ мақсад ва моҳияти функсияи экологии давлатро фаъолияти сохторҳои марбутаи давлатӣ ва идораҳои он оид ба ҳифзи сарватҳои табиӣ аз таъсироти манфии гуногун, таъмини истифодаи мeътадилу самарабахши сарватҳои табиӣ ташкил менамояд. Дар назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат ва ҳамчунин илми ҳуқуқи экологӣ ба яке аз масъалаи муҳими сиёсати муосири давлатӣ яъне амалишавии функсияи экологии давлат эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

Дар амалигардонии функсияи экологии давлат фаъолият оид ба: таваҷҷуҳ ва талаботи ҷамъият роҷеъ ба сарватҳои табиӣ, ки ба моликияти давлатӣ қарор дорад; таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ; таъминнамоии бехатарии экологӣ, дохил мешаванд.

Ҷузъи муҳимтарини ҳама гуна системаи идоракунӣ масъалаи татбиқи дурусти он мебошад. Маҳз самаранокӣ, ҳолати таъмини татбиқи мақсадҳо ва нишондиҳандаҳои иҷроиши ҳадафҳои пешгузошташудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, инъикоси амалигардии функсияи экологиро нишон медиҳад.

Дар робита ба амалигардии функсияи экологии давлат бояд тазаккур дод, ки муносибатҳо вобаста ба таъсири байниҳамдигарии табиат ва инсоният ҳам, дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам доктринаи мавҷудаи илми ҳуқуқшиносӣ зикр карда шудаанд, ки албатта барои ба таври дуруст мавриди омӯзиш қарор додани он бо дарназардошти хусусияти комплексии масъалаи мазкурро таҳлил намуданамон дуруст мебошад. Яке аз қисматҳои муҳимтарини функсияи экологии давлатро

раванди танзим ва идоракунии муносибатҳо вобаста ба ҳифз, истифода ва барқарор намудани сарватҳои табиӣ ташкил менамояд.

Бо назардошти зикркардаҳои боло дар вақти баррасӣ намудани масоили фарогирифтаи автореферат моро водор менамояд, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи амалкунандаро фарогир буда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 20 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 13 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки таҳқиқбаранда дар самти масъалаҳои мухталифи назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи экологӣ, махсусан институти функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ мавриди истифода қарор дод.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои муътамади таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва давлатҳои дигар анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа баҳри ташаккулу рушди институти функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир нигаронида шудааст.

Албатта таҳқиқот дар ҳама ҳолат маҳсули заҳмати илмӣ буда ба таври мутлақ аз норасогиву камбудиҳо куллан дур буда наметавонад, аз ин рӯ, автореферати диссертатсияи Қодирзода М.А. низ чунин норасогиҳоро ба андешаи мо доранд. Аз ҷумла: - дар саҳифаҳои 21-22 автореферати аз ҷониби унвонҷӯ маълумоти бештар роҷеъ ба зербоби сеюми боби якум диссертатсия пешкаш нагардидааст.

Дар баробари ин, унвонҷӯро мебоист доир ба раванди амалишавии меъёрҳои қонунгузории экологӣ ва механизмҳои ҳифзи муҳити зист дар Тоҷикистон пешниҳодҳои мушаххасро манзур менамуд.

Андешаҳое, ки зикр гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқот дар доираи автореферати диссертатсия нақши

муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим, мураккаб ва баҳснок мебошад.

Қобили зикр аст, ки автореферати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
сардори шуъбаи ҳуқуқ ва кор бо кадрҳои
Кумитаи кор бо занон ва оилаи
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бухориева С.М.

**Суроға:** 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи академик Раҷабовҳо 3
Тел.: +992 (37) 221-34-71, 227-24-38
Факс: +992 (37) 227-17-41
E-mail: ittiloot@comwom.tj

Имзои С.М. Бухориеваро тасдиқ мекунам:
сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқ ва кор бо кадрҳои
Кумитаи кор бо занон ва оилаи
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимзода Ф.

«_3_» _05_ 2023 с.